***Шобегим Маликшоева Хайруллоевна**, номзади илмҳои филологӣ, корманди Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Ҷойгоҳ ва мақоми зан дар Авасто

Ҷойгоҳ ва мақоми зан дар тамаддунҳои бостонӣ, аз ҷумла дар тамаддунҳои ҳиндӣ, чинӣ, ориёӣ, мисрӣ, юнонӣ, румӣ ва дигар тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ки тавонистаанд дунёро такон бидиҳанд, хеле бузург аст. Дар аксари тамаддунҳо зан дар мақомҳои изад, шоҳ, малика, маслиҳатдеҳи шоҳ, гоҳе вазир, мутафаккир, олим, шоир, нависанда, сарлашкар, ҷанговар, қаҳрамон омадааст. Ба мақому мартабаи зан, махсусан дар динҳои гуногун, эътибори хосса дода шудааст.

Ба ҷойгоҳ ва мақому мартабаи зан, модар дар китоби муқаддаси Авесто, ки яке аз қадимтарин ёдгории адабиёти бостонии халқи тоҷик маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Вожаи «Авасто» дар паҳлавӣ *Апастак*, дар таърихномаҳои исломӣ *Авасато*, *Абасто*, *Апасто*, *Исто*, *Усто*, *Васто* омадааст.

Сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз Авасто чунин ёд кардааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,

Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд [11, 95].

Ин вожа аз пешванди «а» ва сифати «веста» ба маънии шинохтан, донистан гирифта шудааст. Доктор Алиакбар Ҷаъфарӣ бар ин назар аст, ки вожаи Авасто аз пешванди «а» ва «веста» гирифта шуда, он маънии «сухани сарбаста, гавҳари нуҳуфта, рози ниҳонӣ, каломи осмонӣ, рамзи ботинӣ ва болотар аз фаҳми норасои ҷаҳониён» аст.

Зартушт бо фармони шоҳ Виштосп Авасторо, ки аз 1200 боб иборат буд, дар рӯйи тахтачаҳо бо хатти заррин менависад ва онро дар оташкада мемонанд. Дар Динкард омадааст, ки пас аз навиштан бо фармони Виштосп як нусхаи матни Авасто дар Шиз (Ганҷи Шойгон), нусхаи дигараш дар «Дижи нипишт» – китобхонаи Истахр ва нусхаҳои дигараш дар китобхонаҳои дигар ва оташкадаҳо

ҷой дода шудаанд. Пас аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ юнониҳо як нусхаи онро сӯзонда, нусхаи дигарашро бо худ бурда, ба забони юнонӣ тарҷума намуда, матни асли китобро нобуд мекунанд. Сипас дар замони Ашкониён шоҳ Валахш фармон медиҳад, то сурудҳои Авасторо аз ҳофизаи мӯбадон ҷамъоварӣ намуда, дар шакли китоб мураттаб созанд.

Писари Ҳурмузд – Шопур фармон медиҳад, то китоби Авасторо аз нав такмилу таҳрир намоянд ва ин корро Озарбади (Атурпати) Меҳраспандон анҷом медиҳад. Пас аз ин, дар замони Хусрави Парвиз китоби Авасто бо забони паҳлавӣ тарҷумаву тафсир мешавад, ки онро Занд меноманд. Ин китоб аслан аз бисту як бахш иборат будааст, ки то имрӯз танҳо шаш бахши он боқӣ мондааст: «Гоҳон», «Йасна», «Йаштҳо», «Вандидод», «Виспарад», «Хурда-Авасто». Ду нусхаи муътабари ин китоб ҳоло дар китобхонаи шаҳри Копенгагени Дания маҳфуз аст.

Китоби Авасто аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа бой буда, чун қомуси зиндагии халқҳои ориёӣ, дониши андӯхтаи онҳо аз илмҳои гуногун, аз ҷумла фалсафа, дин, таърих, ҳуқуқ, тиб, ҷуғрофиё, нуҷум, ҳандаса, риёзиёт, забон ва адабиёт дар давраи бостон шинохта шудааст.

Он аз нигоҳи истифодаи санъатҳои бадеӣ ниҳоят бой буда, баъзе порчаҳои он дар вазни ҳиҷоӣ суруда шудаанд, ки онро яке аз сарчашмаҳои пайдоиши насри мусаҷҷаъ, чи дар адабиёти форс-тоҷик ва чи дар адабиёти араб метавон ном бурд, ки аз арзиши бузурги адабӣ баҳраманд мебошад. Дар ин китоб номҳои гуногуни мардону занони ориёӣ, номҳои асотирӣ ва таърихии мардумони ориёинажод ёдрас шудаанд. Дар саросари китоб, ҳар ҷое, ки сухан аз номи зан меравад, он ҳамчун поктарини покҳо ва намунаи олии ростиву некӯкорӣ ва отифа васф мешавад.

Ба мақоми зани ориёӣ, махсусан дар давраи Ҳахоманишиҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Зеро дар ин давра бо зуҳури дини зардуштӣ ва ба расмият шинохтани он дар рӯзгори занон таҳаввулоти азиме ба миён омад. Албатта занон пеш аз ин ҳам дар замони давлатдории модҳо соҳиби мартаба ва мақоми махсусе буданд, ки ҳамсари Камбуҷияи аввал, модари Куруш аз қабили онҳост. Аммо дар замони Ҳахоманишиён мақоми занҳо ҳам аз нигоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳам аз

нигоҳи ҳуқуқӣ комилан ҷойгоҳи хосеро касб кард. Онҳо дигар озодона дар миёни мардҳо кору фаъолият мекарданд. Маҳз дар ҳамин давра ҷашне бо номи «Ҷашни Исфандгон» (муждагирон ё муздгирон) барои бузургдошти зан ва замин баргузор мешавад, ки он минбаъд ҳар сол дар рӯзи панҷуми моҳи исфанд ҷашн гирифта мешуд. Зеро аз нигоҳи онҳо зан ва замин ҳар ду намунаи бороваре будаанд, ки зиндагӣ бе онҳо вуҷуд дошта наметавонист. Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» перомуни ин ид навиштааст: «Сипандармазрӯз дар «Исфанднома» ид аст ва ба иллати татобуқи номи рӯз ва моҳ ин рӯз ба «иди занон» ва ё мардгирон (маздгирон) маъруф аст ва то рӯзгори Абӯрайҳон дар Исфаҳону Рай ба ҷой будааст [14, 495].

Бузургдошти рӯзи мазкур ҳамчун иди тухфа супурдан ба занон дар шеъри классикӣ низ зиёд ба чашм мерасад.

Абӯрайҳони Берунӣ менависад, ки ин ҷашн ба вижа хосси занон буда, дар он аз шавҳарони хеш ҳадя дарёфт мекардаанд ва аз ин рӯ, онро ҷашни «Муздгирон» низ мехондаанд. Дар ин рӯз занҳоро бар тахт мешинондаанд ва барои онҳо бахшишҳо мекардаанд.

Дар «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» қайд шудааст, ки: «...бархе аз муҳаққиқон ин расмро дар қарни ҳозир ба минтақаи курднишини Қафқоз нисбат додаанд, дар ҳоле ки дар соири навоҳии Эрон ҳам маъмул аст» [14, 310].

Муаррихон бар ин ақидаанд, ки ҳанӯз аз давраи бостон (аз давраи Ҳахоманишиён) сар карда занҳо дигар ҳақ доштанд, то соҳиби молу мулки шахсии худ бошанд.

Дар Авасто ҳар гоҳе дар баробари мардҳо занҳо низ ёд мешаванд.

Зан дар Авасто бо унвони *Ritasya Bhanu* (ё Аша Бону) ёд шудааст, ки маънои «дорандаи фурӯғи ростӣ ва порсоӣ» аст. Модар дар Авасто бо унвони *Matri* (парваришдиҳанда) ва хоҳар бо унвони *Svâsri* (вуҷуди муқаддас) омадааст. Зани шавҳардор бошад, бо унвони *Nmâno Patni* (нигаҳбони хона) ёд шудааст.

Дар Авасто зан баробари дигар хислатҳои ҳамида, инчунин тимсоли покӣ ва парҳезкорӣ, некӣ ва накӯкорӣ васф шудааст. Масалан, дар бахши дуввуми фаргарди IX чунин омадааст:

«Эй Спитмон Зартушт!

Касе, ки поккунандаро хушнуд кунад, оташро хушнуд мекунад; обро хушнуд мекунад; хокро хушнуд мекунад; дарахтонро хушнуд мекунад; ашаван мардон ва ашаван занонро хушнуд мекунад» [1, 548].

Дар Йаснаи 16 чунин омадааст: «Ҳамаи обҳоро меситоем. Ҳама гиёҳонро меситоем. Ҳама мардони некро меситоем. Ҳама занони некро меситоем. Ҳама изадони менуӣ ва ҷаҳонӣ – он некибахшандагони ашаванро– меситоем» [1, 80].

Зан дар давраи бостон дар баробари мардҳо кору фаъолият дошт, дар ҳама гуна маросимҳо ҳамроҳи мардҳо ширкат меварзид, ҳатто дар ҷангу шикор низ. Дар хона озодии иқтисодӣ дошт.

Дар китоби Авасто ҳам занҳои асотирӣ, ва ҳам воқеии таърихиро вохӯрдан мумкин аст. Зан дар он бо номҳои «модар», «фаришта», «изадбону», «хоҳар», «зан», «ҳамсар», «бону», «кадбону», «хонахудо», «духтар», «духт», «дӯшиза», «духтари дӯшиза», «бонуи ҷавон», «пирзан», «кампир» ва ғ. омадааст. Масалан, вожаи «модар» дар Йаснаи 23 чунин омадааст:

«Хостори ситоишам фравашиҳои ононро, ки пеш аз ин дар ин хонумонҳо, рустоҳо, шаҳрҳову кишварҳо буданд; онон, ки осмонро нигоҳдорӣ карданд; обро нигоҳдорӣ карданд; заминро нигоҳдорӣ карданд; ҷонварро нигоҳдорӣ карданд; кӯдакро дар заҳдони модари бордор нигоҳдорӣ карданд, то намирад» [1, 90].

Ё дар Йаснаи 38 чунин ситоиш карда шудааст:

«Эй обҳои борвар!

Шуморо ба ёрӣ ҳамехонем; шуморо, ки ҳамчун модаред; шуморо, ки ҳамчун гови ширдеҳ парастори бенавоёнед ва аз ҳамаи ошомиданиҳо беҳтару хуштаред.

Шумо неконро бо родии баландбозу ба-д-ин ҷо [ҳамехонем] то дар ин тангно моро подош диҳед ва ёрӣ кунед, шумо, эй модарони зинда!» [1, 122].

Вожаи «ҳамсар» низ чандин маротиба истифода шудааст:

«Эй Дрвасп! Эй нек! Эй тавонотарин!

Маро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар Ажидаҳок – [Ажидаҳоки] сепӯзаи секалаи шашчашм, он дорандаи ҳазор [гуна] чолокӣ, он деви бисёр зӯрманди Друҷ, он дурванди осебрасони ҷаҳон, он зӯрмандтарин Друҷе, ки Аҳриман барои табоҳ кардани ҷаҳони Аша, ба патёрагӣ дар ҷаҳони астуманд биофарид – пирӯз шавам ва ҳарду ҳамсараш Сангҳавак ва Аренавакро, ки барозандаи нигоҳдории хонадон ва шоистаи зоишу афзоиши дудмонанд– аз вай бирубоям» [1, 258].

Омӯзиши исмҳои хоси дар Авасто ёдшуда низ ҷолиби диққат аст, ки баъдтар ба ин масъала руҷуъ менамоем. Ин ҷо ишора ба қиссаи Ажидаҳок (Заҳҳок) аст, ки пас аз чирагӣ бар Ҷамшед хоҳарон ё духтарони ӯро Сангҳавак ва Аренавакро (Арнавоз ва Шаҳрноз)-ро ба занӣ мегирад.

Ду покиза аз хонаи Ҷаммишед,

Бурун овариданд ларзон чу бед.

Ки Ҷамшедро ҳарду хоҳар буданд,

Сари бонувонро чу афсар буданд.

Зи пӯшидарӯён яке Шаҳриноз,

Дигар моҳрӯе ба ном Арнавоз [15, 69].

Пас аз он ки Фаридун бар Заҳҳок пирӯз мешавад, ду хоҳар (дар нусхаҳои гуногуни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ гоҳе хоҳар ва гоҳе духтар омадааст)-и Ҷамшедро озод мекунад ва онҳоро ба никоҳи худ медарорад. Аз Шаҳрноз ду писар бо номҳои Салму Тур ва аз Арнавоз писаре бо номи Эраҷ ба дунё меояд. Фаридун ҷаҳонро миёни он се писар тақсим мекунад.

Вожаи «зан» (занон) низ дар ин китоб зиёд ба назар мерасад:

«Ӯро эдун ба номҳои поки аҳуроӣ ва [номҳои] писандидаи маздоӣ меситоем.

Ӯро бо дилу ҷони хеш меситоем.

Ӯ ва фравашиҳои ашаванмардон ва ашаванзанонро меситоем» [1, 48].

Гоҳе дар шакли «хонахудо» ва «бонуи хонавода» низ меояд:

«Ҳар гоҳ хонахудо ё бонуи хонавода бимирад, онон то кай бояд дар апаман бошанд?

То кай барои некӯкор ва то кай барои гуноҳкор?

Аҳура Маздо посух дод:

Барои некӯкор шаш моҳ ва барои гуноҳкор як сол бояд дар апаман бошанд» [1, 559].

Дар мисоли «дӯшиза»:

«…дӯшизае зебо, дурахшон, сапедбозу, неруманд, хушчеҳра, бурзманд, бо пистонҳои бар омада, некутан, озодаву нажода, ки понздаҳсола менамояд ва пайкараш ҳамчанди ҳамаи зеботарин офаридагони зебост» [1, 400].

Вожаҳои «аму» (амма), «доя», «хола»:

«Ҳар гоҳ аму ё амма ё дойӣ ё холаи касе бимирад, то кай бародарзода ё хоҳарзодаи нарина барои аму ё дойӣ ва бародарзода ё хоҳарзодаи модина барои амма ё хола бояд дар апаман бошад?

То кай барои некӯкор ва то кай барои гуноҳкор?

Аҳура Маздо посух дод:

Барои некӯкор бист рӯз ва барои гуноҳкор чиҳил рӯз бояд дар апаман бошад» [1, 559].

Вожаи «духтар» ва «бону» низ дар ин китоб ниҳоят зиёд аст:

«Агар он духтар ё бону аз шарми мардум ба обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад, гуноҳе бар гардани ӯст» [1, 576].

Вожаи «бону» бештари маврид дар қисмати охири исмҳои занона низ меояд.

Вожаҳои «духтар» ва «бону» баъзан шакли «духтари дӯшиза» ва «бонуи ҷавон»-ро мегиранд. Масалан, дар бахши якуми фаргарди XV чунин омадааст:

«Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на– ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад» [1, 576].

Вожаи хоҳар низ дар ин китоби муқаддас хеле зиёд истифода шудааст. Ва ҳар гоҳе ин вожа оварда мешавад, мебинем, ки он бо эҳтиёт ва бо ситоиш истифода мешавад. Масалан дар фаргарди XIV:

«Ӯ бояд ашаванона ва парҳезгорона духтари дӯшизаи марднодидаеро чун товоне ба равони саги обӣ ба ашаван марде бидиҳад.

Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван!

Чӣ гуна духтаре?

Аҳура Маздо посух дод:

Яке аз хоҳарон ё духтарони ҷавони вай, ки аз марзи понздаҳсологӣ гузашта ва гӯшвораҳое дар гӯшҳо дошта бошад» [1, 574].

Чунон ки дар фавқ зикр кардем, дар Авасто гоҳе исмҳои занони асотирӣ ва гоҳе занони таърихӣ ёдоварӣ шудаанд. Ба сифати ин гуна номҳо номи изадон, исмҳои асотирии занона ва гоҳе комилан таърихӣ низ оварда шудааст. Номи занони изадӣ бо исми Изадбону ёдоварӣ шудаанд.

Номи нахустин зан – Машиёна дар Авестои кунунӣ нест. Лекин тибқи навиштаи «Динкард» дар яке аз наскҳои гумшудаи Авастои куҳан «Чеҳрдод-наск» исмҳои Машӣ ва Машиёна зикр шудаанд.

**Аредвисура Аноҳита**: номи изадбонуи обҳост. Дар паҳлавӣ Аноҳид ва дар арманӣ Аноҳит ва дар форсӣ Ноҳид шуда ва номи ситораи Зуҳра аст. Вожаи Обон, ки дар Авасто зикр ёфтааст (дар паҳлавӣ Опон), даҳумин рӯзи моҳ ва ҳаштумин моҳи сол буда, номи менӯии ҳамаи обҳо ва сифати изадбону Ардевисура Аноҳита аст. Бо лақаби Ноҳид низ омадааст. Номи даҳуми ҳар моҳ ва моҳи ҳаштуми сол ба шумор мерафт. Номи Обон дар Авасто зиёд ёд шудааст. Ва барои ӯ суруди алоҳидаи «Обон Яшт» бахшида шудааст.

«[Рӯзи] Обони неки маздоофарида. Оби Аредвисура Аноҳитаи ашаван, ҳамаи обҳои маздоофарида ва ҳамаи гиёҳони маздоофарида» [1, 455].

Дар Кардаи 30:

«Бад-он барсуми дар дарст-ш,
ба гушвори зар, чортарка,
баростӣ шигарфу зебост

у бонуи бас фарҳихта[`ст]
Адвисура Аноҳита.
Або синарези гардан-ш.
мийони ҳамора баста-ш
то монад [мудом] барҷаста
уро хубофарид пистон-ш
128. Ардвисур Аноҳитро
гирди сар [ст] печида дайҳим -
садситора [ст] зарандуд,
ҳаштпарр, ҳаванди гардун
бо нивори сурҳану хуб
чамбаре баста аст озин.
129. Ардвисура Аноҳитро
бар танаш пустини бабр аст
пустине [як] зи сесад пуст-
зи бабри чор шикам зода-
ки зеботарин бабр аст
ва аз ҳама низ пашмвараст
(-ҳар чӣ аз бабрҳои обӣ-)
ки ба вақташ хиринд хурда» [1, 238].

Илоҳаи ишқу зебоӣ аслан дар асотири халқу миллатҳо гуногун будааст. Масалан, Аредвисура Аноҳита дар асотири ориёӣ, Афродита худои ишқу зебоӣ дар асотири Юнон, Венера дар асотири Рум, Хатор дар асотири мисриҳо, Иштар дар асотири аккодӣ, Инанна дар асотири шумериҳо, Лада ва Леля дар асотири халқҳои славянӣ. Бартариии Аредвисура Аноҳитаро аз Афродита ва Венера, ки аз машҳуртарин олиҳаҳои ишқу зебоӣ ба шумор мераванд, Назри Яздонӣ дар китоби «Ҳикмати озодагон» бо факту далел нишон додааст: «Аноҳито савори гардунаест чаҳораспа, Афродитову Венера гардунаи дуаспа доранд. Пироҳани Афродитову Венера дар қиёси пироҳани Аноҳито бараҳнагиҳои бештар дорад. Дар сухантасвирҳо ва муҷассамаҳо, Афродитову Венера монанди Аноҳито

бурзманду барумсанд нестанд. Яъне тарбияи ҷисмонии ориён барои марду зан баробар буд, ҳар як зан монанди ҳар як мард тарбияти ҳатмии аспсаворӣ, найзаварӣ, камонварӣ, шамшерзанӣ мегирифт...

Сухантасвири Аноҳито дар «Обоняшт» дусад солу чанде муқаддамтар аз тасвирҳои Афродитову Венера аст. Тасвирҳои қадимтар аз «Обоняшт» дар дастраси мо нест, аммо дар назди илм мусаллам аст, ки решаҳои воқеии ҷаҳонбинии авастоӣ аз ҷаҳонбинии адолатпешагон (пешдодиён) баҳра гирифта аст, ки чанд садсола то авастоиён роиҷу маъмул буд» [17, 100].

Тибқи ақидаи баъзе муҳаққиқон (аз ҷумла олими олмонӣ Х. Нюберг) парастиши Аредвисура Аноҳита ҳамчун илоҳаи об миёни бошандагони соҳилҳои Сирдарё ба вуҷуд омадааст [9, 100].

**Аши.** Аши дар паҳлавӣ Арт, Ард-номи изадбонуи тавонгарӣ ва подошу ганҷури Аҳура Маздо мебошад. Аширо духтари Аҳура Маздо ва Спандармад, хоҳари Дин гуфтаанд. Бародаронаш Сурӯшу Рашну Меҳрро гуфтаанд [9, 142; 145].

«Аҳура Маздоро ради хонахудо, ради деҳхудо, ради шаҳрбону ради шаҳриёр мехонам. Дини маздопарастӣ ва Ашии неку Поренди ва он зани ашавану ин замини дарбаргирандаи моро ради занон мехонам» [1, 76].

Вожаи мураккаби «амшоспандбонувон» дар ин китоб хеле зиёд ба чашм мерасад, ки ишора ба гурӯҳи сегонаи Спандармад, Хурдод ва Амурдод буда намоди Модархудоии офаридгоранд.

**Спандармад** дар Авасто Сипинта ормаитӣ ва дар паҳлавӣ Спандормат ва дар форсӣ Исфандормаз ё исфанд аст, ки маънии фурӯтанӣ, фидокориву бурдбориро ва дар маҷмуъ маънии «хиради комил»-ро дорад. Ӯ духтари Аҳура Маздо ва Обон аст.

**Хурдод** дар Авасто Ҳаурватат ва дар паҳлавӣ Ҳурдод ё Хурдод ба маънии «камолу расоӣ ва сиҳҳатию бемаргии ҷовидонӣ» [14, 53] аст. Дар ҷаҳони астуманд нигаҳбони об аст.

**Амурдод** дар Авасто Амеретата, дар паҳлавӣ Амурдод ва дар форсӣ Амурдод ё Мурдод аст, ки маънии ҷовидонагӣ ва бемаргиро дорад. Амурдод дар

ҷаҳони асотирии менуӣ намояндаи пойдориву ҷовидонагии Аҳура Маздо ва дар ҷаҳони астуманд ба маънии нигаҳбони гиёҳону хӯрданиҳост.

Номҳои Спандармаду, Хурдоду Амурдод дар Аваста аксар маврид якҷоя зикр мешаванд:

«Баҳманро меситоем. Ардибиҳиштро меситоем. Шаҳриварро меситоем. Спандармади некро меситоем. Хурдодро меситоем. Амурдодро меситоем. Дар китоб ҳамчунин номи ҳамсари Зартушт ва духтарону писарони ӯ омадаанд» [1, 80].

**Поренди** номи изадбонуест монанди Аши нигоҳбони ганҷу дороиву неъмат аст. Номи ӯ гоҳе бо Аши ҳамроҳ меояд.

**Дрватат** изади тандурустӣ аст. Дар «Виспарад» номи ин изад бо сифати нек ва ҳамроҳи номи изад Ода, Аши ва Чисти омадааст.

**Саока** (дар паҳлавӣ Суоғ), изадбонуи нигоҳбони хушиву болидану парвариш ва намоди хушии изадист.

**Срутатфидри** (ба маънии «дорандаи падаре номӣ ва балановоза»), номи модари Ҳушедар.

**Ерети** номи яке аз изадбонувони дини маздопарастист, ки дар гузориши паҳлавии Авесто ба Рас табдил шудааст. Чун номи ӯ ғолибан ҳамроҳ бо Расастату Аши ва Чиста меояд, ногузир метавон пиндошт, ки аз ҳамкорону ёварони онон аст.

**Чиста** (дар паҳлавӣ фарзонак ба маънии «донишу огоҳиву фарзонагӣ»), номи изадбонуи донишу фарзонагист.

**Ҳутаоса** (дар Авесто Ҳутаоса аз хонадони Нузар), номи ҳамсари Гуштосп аст. Дар «Шоҳнома» аз ин ном нишонае намебинем ва ҳамсари Гуштосп Катоюн духтари қайсари Рум аст.

**Ҳвови** номи духтари Фрашаоштра ва ҳамсари Зартушт аст.

Ҳамчунин исмҳои духтарони Зартушт низ ёд шудаанд: Френи (духтари бузурги Зартушт), Трити (дуввумин духтари Зартушт), Пуручиста (ҷавонтарин духтари Зартушт).

Дар Авасто инчунин исмҳои дигари хоси **Аредатфидри, Дин** (духтари Аҳурамаздо), **Варидкана, Ҳумой** (духтарони Гуштосп), **Сангҳавак** ва **Аренавак** (хоҳарони Ҷамшед) ва дигарон оварда шудаанд.

**Ҷаҳӣ (Ҷаҳика)**: (дар паҳлавӣ Ҷеҳ ба маънии зани фурӯмояву бадкор ва русапӣ), номи духтари Аҳриман аст, ки Аҳриманро ба тохтан ба ҷаҳони аҳуроӣ бармеангезаду ба ӯ ёрӣ мерасонад.

Дар китоб инчунин одатҳои мардуми ориёӣ дар он даврон ёд шудаанд. Зартушт дар мавриди интихоби шавҳар ба духтари худ ва дигар духтарон муроҷиат менамояд, ки марди ҳушёру доноро интихоб намоянд. Синни издивоҷ дар замони Зартушт аз понздаҳсолагӣ боло будааст. Дар он даврон духтар дар интихоби шавҳар озод будааст. Яъне агар падар ё модар ё бародар касеро интихоб намояд, ки ба духтар писанд нест, духтар ҳақ дорад, ӯро рад намояд. Ва хостаи худро интихоб намояд. Аммо хостаи ӯ бо розигии падару модар беҳтар дониста мешавад.

Дар Авасто зани зебову хушсурат низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

«Ишонро занони дӯстдор
шиштаанд дар гоҳҳои хеш-
гоҳҳои бо сурҳану зебо,
бо зарринҳалқа болиштҳо-
нозанда бо синарези зар-
чоргушаву
гушвораҳо,
ҳамдигарро ин ҳаме гуён:
“кай шавад то биёяд
суи мо сарвари мон-мон,
шодӣ у физойад бар мо
ҳаловат бар ҳама танҳо
уҳоро ки ҳамраҳ-шон бошӣ; …
Ёри ман бош ту биҳ Аши
ай фаровон (?), амаванд.

11. Ишонро ситодаанд духтҳо-

ҳалқабапой, бастамийон,

хубпой, ангуштдироз,

бо қадду баст бас зебо,

шавқи бинандаро физо

уҳоро ки Аши ҳамраҳ ст.

Ёри ман бош ту биҳ Аши

ай фаровону (?) амаванд» [1, 368].

Дар давраи бостон ҳатто қайд гардидааст, ки занон аз байни мўйҳои худ фарқ мебаровардаанд ва гесувони худро ба монанди юнониён орову торо медодаанд ва чодаре бар пушти сар мениҳодаанд, аммо рўй ва гесувони онҳо намоён будаанд. Аз ин бармеояд, ки оини ороиши тарзи юнонии мўйҳо хеле пештар миёни занони ориёӣ ҷорӣ будааст. Ин тарзи ороиш аслан миёни занони ашрофзода маъмул будааст, аммо занони одӣ низ дар пўшок ва ороиш аз онҳо фарқи андаке доштаанд. Умуман оид ба тарзу услубҳои либоспўшӣ, ороиши занона ва дигар унсурҳои хосси занон дар номаҳои бостон, таърихномаҳои он даврон, осори даврони миёна далелҳои ҷолиберо ёфтан мумкин аст, ки таҳлилу баррасии васеи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд.

Ба сифати намунаи изади зебоӣ аксар Анаҳито Ардвисура оварда мешавад. Дар Кардаи 30 чунин омадааст:

«Ба маро ҳамора бистой,

Зардуҳушто, Сипитамо,

Анаҳита Ардвисурро -…

126. Намоён ситод' аст [ин дам]

Ардвии сурҳан Аноҳита

духтаре нозанин, зебо,

рехтаву бо буланд боло,

таҳам, камар баста буланд,

тандуруст, озода, роймaнд,

ҷомаи бад гирон бар тан

зарнигор бо ҳизор озин» [1, 237-238].

Дар Кардаи 16:

Ардвисура ҳувайдо гашт
духти зебо, шигарф, хубруй,
таҳам, камар баста буланд,
тандуруст,озода, ройманд,
кашида низ то шитоланг
мукии бомӣ, заринбанд
расид он ҷо чунон нореш
дуруст чунонки буд у пеш» [1, 226].

Файласуф Назри Яздонӣ дар мавриди ҷомаи Аредвисура Аноҳита чунин қайд намудааст: «Ардвисура Аноҳито ҷомае аз пӯсти бабар пӯшида, аз пӯсти сесад модабабар, ки ҳар як чаҳор бача зоид; аз он рӯй, ки бабари мода зеботарин ҷонварест, ки мӯйе анбӯҳ дорад» [17, 513].

Умуман, таҳқиқи васеи мавзӯи либосу ороишоти занони ориёӣ дар даврони бостон ва баъд аз он гиреҳи масъалаҳои зиёдеро кушода метавонад.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъҳои марбут ба мақому манзалати зан дар Авасто метавон чунин хулоса кард, ки мавқеи зан дар Авасто ва, умуман дар давраи бостон гоҳе ҳатто аз мардҳо низ болотар гузошта шуда, онҳо чун нигоҳдорандаи обҳо, росттарини ростҳо ва поктарини покҳо, изадбону, нигаҳбони хона, омӯзанда ва парҳезкор зикр шудаанд. Бо ифтихор метавон гуфт, ки саҳми тамаддуни аҷдодони тоҷик – тамаддуни ориёӣ дар бузургдошти мақоми зан дар ҷомеа ва истиқрори он беш ва пеш аз ҳар тамаддуни дигар аст ва он тавонистааст на танҳо дар арҷгузории мақому мартабаи зани ориёӣ ҳамчун тимсоли покиву офарандагиву дигар хусули ҳамида саҳмгузор бошад, балки ба кулли занони сайёра новобаста аз миллату нажод арҷгузорӣ кардааст, зеро тамаддуни ориёӣ бо осори гаронарзиши адабиву фарҳангӣ, хосатан китоби пурарзиши Авасто ва Эъломияи Куруши Кабир баробарии ҳуқуқи озодиҳои ҳама инсонҳоро новобаста аз ҷинсу миллат баробар арҷ гузоштаанд.

**Адабиёт:**


1. Авасто. Китоби 1.-Душанбе: «Бухоро», 2014.-839 с.
2. Авесто: Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. – Душанбе: Қонуният, 2001.-792 с.
3. Авесто – китоби муқаддаси зардуштиён: Феҳристи адабиёт.-Душанбе: Ҳумо, 2001.-28 с.
4. Бобохонов Б. Луғати Авесто / Ҷумҳурият.-2001.-2 окт.
5. Брагинский И.С. От Авесты до Айни.-Душанбе: Ирфон, 1981.-256 с.
6. Деҳхудо, А. Луғатнома. Иборат аз 50 ҷилд / А. Деҳхудо.- Теҳрон, Сирус, 1343.
7. Крымова С. Вольтер, ты не прав!: О выходе в изд-ве «Адиб» священной книги зароастризма «Авеста» / Поиск.-1990.-19-25 илюя.
8. Мифы и легенды народов мира / Сост.: Н. Будур, И. Панкеев.–М.: ОЛМА-ПРЕСС. Т. 2: Средневековая Европа.-2000.-816 с.
9. Мифы народов мира: Энциклопедия: В 1 т. / Гл. ред. С.А. Токарев. – 2-е изд. – М.: Сов. Энцикл., 1987.-671 с.
10. Мифы народов мира: Энциклопедия: В 2 т. / Гл. ред. С.А. Токарев. – 2-е изд. – М.: Сов. Энцикл., 1987.-719 с.
11. Рӯдакӣ. Ашъор.–Душанбе: «Адиб», 2007.-416 саҳ.
12. Страбон. География в 17 книгах Авесты. / Пер. с греч. статья и коммент. Г.А.Стратановского; Под пер. проф. С.Л. Утченко; Ред. Пер. проф. О.О. Крюгер.-Л.: Наука, 1964.- кн. XV.-943 с.
13. Тиллаева М.Б., Курбанова С.Б. Собственные имена в «Авесте» [Текст] // Актуальные проблемы филологии: материалы II Междунар. Науч. конф. (г. Краснодар, феврал 2016 г.).- Краснодар: Новация, 2016.-С. 117-119.
14. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ.–Душанбе: «Бухоро», 2014.-748 с.
15. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1.–Душанбе: Ирфон, 1964.-468 с.
16. Ҷамшедов, П. Зардушт ва Бадахшон: («Авесто»-и 2700-сола) / Ваҳдат.-2000.-№5.-5.-май.
17. Яздонӣ, Н. Ҳикмати озодагон.-Хуҷанд: Хуросон, 2017.-528 с.
18. https://vazhaju.com